Хулосаи
Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Парвандаи аттестатсионии № __

Қарори шӯрои диссертатсионӣ аз 11-сентябри соли 2020, № __

Бораи сазовор донистани Раҳимзода Муъмин Сайфулло аз рӯйи диссертатсия ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) санаи 7-уми апрели соли 2020 аз ҷониби шӯрои диссертатсионии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 17, Фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2020, № 62) ба ҳимоя қабул карда шудааст.

Раҳимзода Мӯъмин Сайфулло 8-уми июли соли 1986 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2004 ба шӯъбаи ғоибонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дохил шуда, соли 2007 ба шӯъбаи рӯзона интиқол ёфта, онро соли 2010 хатм намудааст. Соли 2011 ба вазифаи ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба кор қабул шудааст. Аз соли 2011 то соли 2014 аспиранти шуъбаи ғоибонаи кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Диссертатсия дар кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ**: Искандаров Зайниддин Ҳамидович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

Файзиев Шодруд Фармонович - доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, директори ҶДММ «Tadqiqot»-и ш. Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон;

Муҳиддинов Алишер Абдувоҳидович - номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

**Муассисаи тақриздиҳанда:**

Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон» (ш. Душанбе) дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи мурофиаи ҷиноятӣ ва криминалистикаи Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон, номзади илми ҳуқуқшиносӣ, дотсент Ҳамроев Шухрат Садирович имзо ва аз ҷониби Ректори Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон доктори илмҳои физика ва математика, профессор Хоҷазода Тоҳир Абдулло тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Раҳимзода Мӯъмин Сайфулло дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ: вазъи батанзимдарории ҳуқуқӣ, амалия ва дурнамои инкишофи он» аз рӯйи навгонии илмӣ, мубрамият, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доштанаш сазовори баҳои мусбат буда, ба бандҳои 10-16-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ шудааст ҷавобгӯ буда, дорои нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои асоснок мебошад. Оид ба мавзӯи диссертатсия 12 мақолаи илмӣ аз ҷумла 6-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр гардидаанд. Интишороти унвонҷӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзӯи диссертатсия:**

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**


1. Искандаров, З.Ҳ., Раҳимов, М.С. Конституционно-правовые основы защиты прав человека в уголовном процессе» [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, М.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисоди ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Сино», 2016. – №2/8(215). – С. 237-240.

2. Искандаров, З.Ҳ., Раҳимов, М.С. Понятие и система государственной защиты прав человека в уголовном судопроизводстве [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, М.С. Раҳимов // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисоди ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Сино», 2016. – №2/9(218). – С. 248-254.

3. Раҳимзода, М.С. Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқии падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи мили Тоҷикистон (маҷалаиилмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Маркази табъунашр, баргардон ва тарҷума», 2018. – №7. – С. 252-260.

4. Раҳимзода, М.С. Иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд [Матн] / М.С. Раҳимзода // Паёми

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2018. – №8. – С. 202-208.

5. Раҳимзода, М.С. Мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Раҳимзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – Душанбе, 2018. – № 4 (24). – С. 132-152.

6. Искандаров, З.Ҳ., Шарипов, Т.Ш., Раҳимзода, М.С. Мафҳум ва таснифоти чораҳои амниятии иштирокчиѐни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / З.Ҳ. Искандаров, Т.Ш. Шарипов, М.С. Раҳимзода // Паёми Донишгоҳи милли Тоҷикистон (маҷалаи илмӣ). Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе: «Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷума», 2019. – №1. – С. 205-212.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои даврӣ чоп шудаанд:**

7. Раҳимов, М.С. Ҳимояи давлатии амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Раҳимов // Ҳаёти ҳуқуқӣ: Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ. – Душанбе, 2013. – № 2 (02). – С. 51-60.

8. Раҳимов, М.С. Баъзе масоили ҳимояи давлатии амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Раҳимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқи судӣ, фаъолияти прокурорӣ ва пешгирии ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент, И.Т. Маҳмудов – Душанбе: «Маориф ва фарҳанг», 2013. – С. 224-236.

9. Раҳимов, М.С. Ҳимояи давлатии амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: заминаҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии пайдоиши он [Матн] / М.С. Раҳимов М.С. // Маводи конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзӯи «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ чун яке аз ҷанбаҳои муҳимми ҳимояи ҳуқуқи инсон». – Душанбе: ВКД ҶТ, 2014. – С. 140-147.

10. Раҳимов, М.С. Заминаҳои пайдоши ҳимояи давлатии амнияти иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Раҳимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба 40-солагии таъсисёбии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ дар мавзӯи «Ислоҳоти судӣ дар Тоҷикистон: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он» / Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент, И.Т. Маҳмудов. – Душанбе: «Сино», 2014. – С. 280-292.

11. Раҳимов, М.С. Государственная защита безопасности участников уголовного процесса в Республике Таджикистан: социальные и правовые основы её формирования [Матн] / М.С. Раҳимов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзӯи «Рушди ҳуқуқи судӣ, ҳуқуқи ҷиноятӣ ва

фаъолияти ҳуқуқмуҳофизавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Душанбе: Империал-Групп, 2015. – С. 352-364.

12. Раҳимзода, М.С. Асосҳои татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ [Матн] / М.С. Раҳимзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва низоми ҳуқуқии миллӣ: заминаҳои рушд ва дурнамои илми ҳуқуқшиносӣ» бахшида ба «25-солагии қабули Конститутсия Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «70-солагии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». Зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент, Раҳмон Д.С. – Душанбе, 2019. – С. 522-527.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба шӯрои диссертатсионӣ ворид шудаанд.** Аз ҷониби Ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Ғафурзода А.Д.; мудири шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Буризода Э.Б.; сардори факултети фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Нозиров Н.А.; сардори кафедраи мурофиаи ҷиноятии Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, полковники милитсия Арипов А.Л.; мудири кафедраи фаъолияти гумрукӣ ва ҳуқуқи факултети молия ва гумруки Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Нодиров Ф.М.

Ҳамаи тақризҳо мусбат буда, дар онҳо баъзе эродҳои хусусияти баҳснокдошта манзур шудааст. Эродҳо асосан нуктаҳои илмии мубоҳисавии диссертатсияро оид ба: доираи субъектоне, ки нисбати онҳо чораҳои амниятӣ татбиқ мегарданд; муайян намудани заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва иҷтимоии падидаи ҳимояи давлаии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣт; асосҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ; такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ; доираи мақомоти таъминкунандаи ҳимояи давлатӣ; татбиқи чораҳои амниятиро фаро мегиранд.

Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи тақриздиҳанда ба он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.09 – Мурофиаи ҷиноӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) дар сатҳи дахлдор тадқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ тадқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни проблемаҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ алоқамандии зич дорад.

**Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар натиҷаи тадқиқоти илмӣ:**

– омӯзиши таърихи бавуҷудоӣ ва инкишофи падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; мафҳум ва моҳияти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятие, ки нисбати онҳо чораҳои ҳимояи давлатӣ татбиқ мегарданд; мақомоти татбиққунандаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ; намудҳои чораҳои ҳимояи давлатӣ; асосҳо, сабабҳо, шартҳо ва тартиби татбиқи чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, инчунин маҳакҳои самаранокии онҳо **коркард карда шудааст.**

– Оид ба такмили меъёрҳои қонунгузорӣ, ки асосҳои ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ, чораҳои амниятӣ, дастгирии иҷтимоии субъектони мурофиаи ҷиноятӣ ва тартиби татбиқи онҳоро танзим менамоянд, таҳлилҳои асоснок **пешниҳод шудааст**.

**Исбот шудааст, ки** ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ – фаъолияти мурофиавии ҷиноятӣ ва ташкиливу дастгирии иҷтимоии бо қонун танзимшавандаи мақомоти махсуси ваколатдор ва шахсони мансабдори давлатӣ мебошад, ки бо мақсади ҳифзи ҳаёт, саломатӣ, шаъну шараф, обрӯ ва молу мулки иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ ҳангоми ҷой доштани таҳдиди воқеии куштор, истифодаи зӯроварӣ нисбат ба онҳо, хешовандон, хешовандони наздик ва наздиконашон, несту нобуд ё вайрон кардани молу мулкашон, инчунин ҳангоми вафот ё расонидани зарар ба саломатии онҳо, ки бо сабаби иштирокашон дар мурофиаи ҷиноятӣ ба вуқӯъ мепайвандад, бо роҳи татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ амалӣ карда мешавад.

**Дар тадқиқоти диссертатсионӣ мафҳумҳои нави зерин ҷорӣ шудаанд:**

- мафҳуми «ҳимояи давлатӣ»;
- мафҳуми «чораҳои ҳимояи давлатӣ»;
- мафҳуми «чораҳои амниятӣ»
- мафҳуми «асосҳои татбиқ намудани чораҳои амниятӣ»;
- мафҳуми «сабабҳои татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ»;
- мафҳуми «шартҳои татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатӣ»;

**Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои он:**

- дар муайян намудани мафҳум ва моҳияти ин падидаи ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ,

- заминаҳои таърихию иҷтимоии пайдоиш ва инкишофи он;

- омилҳои мусоидаткунанда ба он;

- батанзимдарории ҳуқуқии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

- доираи субъектони ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ;

- намудҳои чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ;

- асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳо ва ташаккули консепсияи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ истифода мешаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта,** ҳалли вазифаҳои гузошташуда тавассути усулҳои умумиилмӣ ва хусусии дарки илмӣ ба амал баровварда шудаанд. Дар кор усулҳои умумии фалсафӣ, аз қабили материализми диалектикӣ, низомнок, таркибӣ ва функсионалӣ истифода карда шудаанд. Ҳангоми навиштани диссертатсия усулҳои махсуси шаклӣ-ҳуқуқӣ, муқоисавӣ-ҳуқуқӣ, таърихӣ-ҳуқуқӣ, таҳлил, синтез, назарсанҷии иҷтимоӣ ва хулосабарорӣ низ истифода бурда шудаанд.

**Аҳамияти натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф барои амалия бо он собит мегардад, ки:**

– таклифу пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд ҳангоми коркард ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ, ки ба масъалаҳои амалигардонии ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дахл доранд, истифода бурда шаванд. Хулосаҳои назариявӣ дар бораи заминаҳои таърихию иҷтимоии падидаи ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ, мафҳум ва моҳияти он, ҳуқуқ ва ухдадориҳои субъектон, мафҳум ва таснифоти чораҳои ҳимояи давлатӣ, асос, шарт ва тартиби мурофиавии татбиқи онҳоро метавон ҳангоми дар амал татбиқ намудани чораҳои ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ мавриди истифода қарор дод;

– маводҳои диссертатсияро дар раванди тадриси фанҳои «Мурофиаи ҷиноятӣ», «Мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», «Адвокатураи судӣ», «Назорати прокурорӣ», «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», инчунин як қатор курсҳои махсуси омӯзишӣ, аз ҷумла курсҳои «Субъектони мурофиаи ҷиноятӣ», «Ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ», «Стандартҳои байналмилалӣ оид ба муҳокимаи одилонаи судӣ» метавон истифода бурд.

Ҳангоми таҳияи диссертатсия муаллиф аз осори илмии олимони тоҷику рус, ба монанди З.Ҳ. Искандаров, Н.А. Нозиров, К.Ҳ. Солиев, Р.Р. Юлдошев, Р.Ҳ. Раҳимзода, А. Абабков, А.А. Петуховский, А.Б. Ширитов, А.В. Москаленко, А.Ю. Епихин, В.А. Саморока, В.И. Бояров, Г.В. Епихина, Д. Безнесюк, Е.Е. Кондратев, К.Д. Шевченко, Л.В. Бруснитсин, М. Бекетов, М.П. Фадеева, Н.С. Карпов, Н.С. Томилова, О.А. Зайтсев, П.В. Бакуновский, С.А. Янин, С.Л. Марченко, Т.С. Волчетская, Т.К. Курбонмагомедов, Ф.А. Хайруллин ва дигарон истифода намудааст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои тадкиқ нишон доданд, ки:**

– нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда ба асарҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ дар самти ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ асос ёфта, бо маводи интишории унвонҷӯ марбут ба мавзӯи диссертатсия ба нашр расидаанд, мувофиқат мекунанд;

– дар рисолаи диссертатсионӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқи байналмилалию минтақавӣ ва кишварҳои хориҷӣ, нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои осори илмӣ ва амалия истифода шудаанд, ки баҳои саҳеҳнокии натиҷаҳои бадастовардашудаи таҳқиқотро таъмин мекунанд;

– пешниҳодҳои илман асоснок ва хулосаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар муқоиса бо нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда навгонии илмӣ доранд.

– нуқтаҳои илмии дар рисола пешниҳодшуда барои дуруст татбиқ намудани ҳимояи давлатии иштирокчиёни мурофиаи ҷиноятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

**Саҳми шахсии муаллиф** бо ширкати бевоситаи ӯ дар тадқиқоти диссертатсионӣ, бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд ва мақолаҳои илмӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамчунин, саҳми шахсии унвонҷӯ дар тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо, семинарҳои илмӣ-амалӣ ва мизҳои мудаввар, дар чопи 12 мақолаи оид ба мавзӯи рисолаи диссертатсионӣ ифода меёбад.

Дар ҷаласаи худ аз санаи 11 сентябри соли 2020 шӯрои диссертатсионӣ қарор қабул намуд, ки ба Раҳимзода Мӯъмин  дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шӯрои диссертатсионӣ 13 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 3 нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 17 нафар ҳайати шӯрои диссертатсионӣ, овоз доданд: тарафдор - 13 нафар, муқобили – нест, бетараф - нест, бюллетенҳои беэътибор - нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Шарипов Т.Ш.**

**Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Маҳмудов И.Т.**

**11 сентябри соли 2020.**